# ТАҚРИЗИ ХУЛОСАВӢ

**роҷеъ ба рисолаи Зарифзода Ғайрат Зариф дар мавзуи “Ваъзи низоми ва сиёсии аморати Бухоро дар солҳои 1826-1860”, ки ба сифати диссертасия барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи Ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Мавзӯи номбурда мундариҷа ва мазмуни рисола, гузориши муаммои илмӣ ва феҳрасти масъалаҳои умда ва зубдаи таърихи басо мураккаб ва ошӯбангези сеяки дуюми асри XIX-ро маҳз дар аъёни салтанати амир Насруллоҳ дарбар гирифтааст. Зумраи олимони тоҷик, рус, ӯзбек оиди мавзӯи тадқиқшаванда ба ҳоли қудрат равшанӣ андохтаанд. Алалхусус хидмати академик Бобоҷон Ғафуров, олимони маъруф А. А. Семёнов, П. П. Иванов, М. А. Аминов, Ахрор Мухторов мавриди эътибори пуркиммати аҳли илм гаштааст. Унвонҷӯ Зарифзода Ғ. З. ба аниқ кардан ва пажӯҳиш намудани масъалаҳои камомӯхташуда ва аз назари муҳаққиқон берунмондаи мубрам муваффақ гаштааст. Диссертант аз манбаъҳои хаттӣ далелу санадҳои ҷолибро гирд оварда, дар рафти таълифи рисолаи хеш ва онҳоро моҳирона истифода бурдааст. Беш аз ин муаллифи рисола аз асари “Зафарнома Хусравӣ” масъалаҳои то алъон кашф намударо ошкор сохт ва онҳоро ҳаллу фасл намуд. Бозёфти дигари унвонҷӯ ӯ аз мавқеи фалсафаи таърих ва мантиқ мақсад ва мароми рисолаашро равшан сохтааст. Баёни ҳаводиси таърихи пурқувватшавии давлати феодалии аморати Бухоро дар замони хукумати амир Насруллоҳ мақсади асосии унвонҷӯ қарор гирифтааст. Дар рисолаи Зарифзода Ғ. З. ҷараёни самтҳои зерини пурзӯршавии давлати феодалии аморати Бухоро фаро гирифтааст.

1. Пахш кардани худсариҳо ва исёнҳои аъёну ашрофи қабилаҳои ӯзбекҳои кӯчманчӣ, саркӯб кардани пайкориҳои феодалон, ки барои ҷудо шудан аз ҳайъати аморат ва бунёди давлатҳои кӯчак ва таъсиси мулкҳои дорои худмухторияти сиёсӣ нигоронида шуда буд.

2. Ташкили ғазоҳо баҳри барҳам задани хонигари Қӯқанд ва хонигарии Хева, сиюсе соли хукмронии амир Насруллоҳ ба ташкили ҷангҳо зидди хонигариҳои мазкур бахшида шудаанд. Мақсади ҷангҳои феодалии амир Насруллоҳ васеъ кардани худуди аморати Бухоро ва мустаҳкам кардани ҳокимияти манғитҳо дар саросари Осиёи Миёна майл дошт. Ба ин васила унвонҷӯ муборизаи амир Насруллоҳро барои барҳам задани парокандагии сиёсии Осиёи Миёна дар давраи тақдирсозӣ ҳамлаи ҳукумати подшоҳии Русия аз шимол ғазои Британияи Кабир аз ҷануби кишвар пешкаш кардааст.

3. Хидмати шоистаи Зарифзода Ғ.З. ин тасвири ҳолати низомӣ ва вазъи сиёсии аморати Бухоро ҳамчун ифода ёфта эътироф бояд кард.

Рисолаи номзадии Зарифзода Ғ.З. аз назари сохтори илмиаш аз муқаддима, се боби бо ҳам пайваста ва хулосаи ҷамъбастӣ маҷмӯа шудааст ва тасниф гаштааст. Гузориш ва кушоиши укдаи масъалаҳои илмӣ ба тариқи зерин баён гардидаанд.

4. Муҳимтарин масъалаи муаммои илмӣ дарёфти нақши топографияи таърихии дорои таъиноти ҳарбӣ – стратегӣ доштаи аморати Бухоро дар миёнаи асри XIX мебошад. Ин масъалаи мубрам объектҳои камомӯхташудаи сохтори таърихию ҳарбӣ амсоли шаҳрҳо ва қасабаҳои ва деҳотӣ, бахшҳои Куҳандиз, Шаҳристон ва Рабаз, алалхусус қисмҳои Дарун, Берун, халқаи воҳаҳои маданӣ, саҳрои бодиянишинонро мавзӯи тадкиқ карор додааст. Унсурҳои ҳарбӣ мудофиавии шаҳр мисли гузарҳо, маҳаллаҳо, кӯчаҳо дар Дарун, маҳаллаҳои сукунати косибон, саноатгарон, ҳунармандон, тоҷирон, кишоварзон дар Берун, бошишгоҳҳои аҳолинишини кишоварзон, саноатчиёни майда, тоҷирони чаканфурӯш дар воҳаи маданӣ чорводорони кӯчманчӣ ва саҳрогард дар бодияҳо бо сифати ифодагари барҷастаи унсурҳои низомӣ ва мудофиавии аморат тасвир гаштаанд. Низоми ҳарбию ҷангии аморат иборат аз “лашкар” (қӯшун, сипоҳиён, артиш) ва гурӯҳи калони амалдорони ҳарбӣ бо номҳои Амир (сарфармондеҳи лашкар ё худгенерали артиш, қушбегии – сарвазир, вазири мудофиа ва сардори гарнизони Бухоро, қушбегии поён), (муовини аввалин вазири мудофиа) тӯпчибошӣ – фармондеҳи артиллерияи

амир, девонбегӣ-мудири масъули соҳаи молиёт ва дар айни ҳол роҳбари дастгоҳи ҳокимони вилоятҳо ва минтақаҳо инчунин ӯ вазифаи сарварии ҳамаи девонбегиҳои мамлакатро ба ӯҳда дошт.

Аскари қаторӣ бо истилоҳи "сарбоз" фармонфармоёни қисмҳои лашкари амир бо истилоҳи сипоҳ ифода мешуданд. Ҳамаи бурҳону далелҳо аз ҷониби Зарифзода Ғ. З. бо ҳоса истинод ба асари "Зафарнома – йи Хусравӣ" ба матни рисолаи ӯ ворид шудаанд.

Яке аз барҷастатарин тадбири амир Насруллоҳ дар соҳаи ташкили кори ҳарбӣ ин ислоҳоти соҳаи лашкардорӣ мебошад. Аз қадимулайём ҳамаи подшоҳони хонадонҳои сиёсии Ҳахоманишиён, Порт, Кӯшониён, Ҳайтолиён, Сомониён, Тоҳириён, Саффориён, Ғуриён сиёсати доҳилӣ ва хориҷии худашонро бо истифодаи лашкари халқӣ ё худ қӯшуни зархарид дар амал тадбиқ менамуданд. Ҳукмрони ҳарбӣ – феодалии аморати Бухоро амир Насруллоҳ бори аввал дар таърихи низоми стратегӣ тадбири мусбиро тадбиқ кард. Амири мазкур дар аморати Бухоро армияи доимо амалкунандаи мунтазамро таҳти унвони лашкари доимӣ таъсис намуд. Ин чорабинии амир дар таърихи халқи тоҷик бо номи "Ислоҳоти ҳарбии Насруллоҳ" маъруф аст. Ташкили армияи мунтазам аз ҷониби ҳукумат ба роҳ монда шуд.

Хуллас аз ҷониби унвонҷӯ Зарифзода Ғ. З. асари мукаммал доир ба таърихи соҳаи ҳарбӣ ва вазъи сиёсии аморат дар давраи хукумронии амир Насруллоҳ солҳои 1826-1860 ҷавобгӯи талаботи комиссияи Олии атестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Диссертатсия ба бунёди мустаҳками илмӣ асос ёфтааст. Маводҳои тарихӣ – этнографӣ аз мавқеи таърихнигории замони муосир ба тарзи объективӣ таълиф шудааст. Бешак рисолаи Зарифзода Ғ. З. давраи мураккаб ва муташанниҷи сеяки дуюми асри XIX – ро инъикос мекунад.

Рисола мутобиқи услуби шикофтани муаммо ва васоили камомӯхташудаи ғанӣ муҳайё гаштааст. Асарро барои дифо ба шӯрои олимон пешниҳод менамоям.

Роҳбари илмӣ: Турсунзода Назирҷон доктори илмҳои таърих, профессор, академики Академияи фанҳои табии Русия

**Имзои Турсунзода Назирҷонро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.


**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.

Тел.: (+992) 117070700 ; E-mail: n.ehson@mail.ru